**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию грамматикии «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Осори бадеӣ хазинаи бузурги забон ба ҳисоб рафта, адибон тавассути эҷоди калимаву ибороти рангин барои ғанӣ гаштани таркиби луғавии забон заминаи муътамад мегузоранд. Маҳз дар асари бадеӣ забони ҳар як миллат бо тамоми шукуҳу ҷалолаш ба муштоқони каломи бадеъ ва дӯстдорони сухани мавзун ҳамчун шоҳкории беназир муаррифӣ карда мешавад. Бинобар ин гуфтаҳо омӯзишу таҳқиқи ҳамаҷонибаи осори бадеӣ дар самти илми забоншиносӣ барои муайян намудани ҳунари адабӣ ва маҳорати суханварии ҳар як адиб мусоидат мекунад.

Диссертатсияи номзадии Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию грамматикии «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ» ба яке аз мавзуъҳои мубрами илми забоншиносӣ бахшида шуда, дар он асари мондагори Ҳусайн Воизи Кошифӣ «Ахлоқи муҳсинӣ» аз нигоҳи илми забоншиносӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқ аз он иборат аст, ки дар диссертатсия нахустин бор хусусиятҳои луғавию грамматикии яке аз осори ахлоқии насри асри XV «Ахлоқи муҳсинӣ» ба сурати густурдаю маҷмуъ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст.

Навигарии илмии рисола боз дар ин аст, ки таҳқиқи маҷмуи вижагиҳои луғавию грамматикии «Ахлоқи муҳсинӣ» манзараи забони адабии тоҷикро дар асри XV равшан намуда, шарҳу тавзеҳи масоили мавриди назар, қонунияту роҳҳои инкишофи таркиби луғавӣ, устувории сохти сарфию наҳвии забони адабии тоҷикиро нишон медиҳад ва дар ин замина нақши осори адабӣ ва адибони алоҳидаро ошкор менамояд.

Аз муҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки кори таҳқиқии Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияту дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назарию методологӣ, сарчашмаҳо ва навгонии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя

пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ ва дигар бахшҳои марбут ба муқаддима хеле дақиқ ва мушаххас оварда шудаанд. Дар «Қисми асосии таҳқиқ»-и автореферат оид ба муҳтавои ҳар як бобу фаслҳои диссертатсия маълумот ва матолиби ҷолиб оварда шудааст.

Боби аввали диссертатсия «Вижагиҳои луғавии «Ахлоқи муҳсинӣ» ном дошта, аз шаш фасл таркиб ёфтааст. Дар фаслҳои ин боб диссертант лексикаи аслӣ ва иқтибосии арабӣ, категорияҳои лексикӣ ва корбасти онҳо, муродифоти вожаҳо, вожаҳои ҳамшакл, вожаҳои мутазод, вожаҳои услуби баланд, вожа-истилоҳ ва ибораҳои фразеологӣ дар «Ахлоқи муҳсинӣ» мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор додааст. Ӯ тавонистааст, ки калимаву ибораҳои таркиби асари мазкурро бо тамоми вижагиҳои луғавиашон таҳлилу баррасӣ намуда, хусусиятҳои луғавии ҳар як вожаи мавриди омӯзиш қароргирифтаашро мушаххас намояд.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони «Вижагиҳои сарфии «Ахлоқи муҳсинӣ» аз ду фасл иборат аст. Дар ин қисмати кор диссертант вижагиҳои сарфии исму сифат, хусусиятҳои дастурии ҷамъбандии исм ва вижагиҳои калимасозии пешвандиву пасвандии исму сифатро дар «Ахлоқи муҳсинӣ» таҳқиқ намуда, ҷойгоҳи исму сифатро бо тамоми вижагиҳои сарфиаш бо мисолҳои зиёд нишон додааст. Ҳамчунин, хусусиятҳои фарққунандаи ҷамъбандии исмро дар асари таҳқиқшаванда баррасӣ намуда, вижагиҳои калимасозии пешванду пасвандҳоро дар «Ахлоқи муҳсинӣ» бо овардани мисолҳои муътамад возеҳу равашан муайян намудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Вижагиҳои наҳвии «Ахлоқи муҳсинӣ» унвон дошта, аз чор зерфасл иборат аст. Дар ин қисмати кор масоили муҳимми вобаста ба вижагиҳои иборасозию ибораоройӣ ва ҷумлаҳои сода ва мураккаб мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Диссертант мавқеи ибора ва роҳҳои иборасозию қолабҳои сохташавии онҳоро дар «Ахлоқи муҳсинӣ» баррасӣ намуда хусусиятҳои фарққунандаи ибораҳои асарро мушаххас намудаааст. Дар баробари ин вижагиҳо ва хусусиятҳои фарққунандаи ҷумлаҳои сода, ҷумлаҳои мураккаб ва ҷиҳатҳои фарққунанда ва омӯзандаи ҷумлаҳои мураккабро муайян намудааст.

Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна натиҷаи таҳқиқи худро дар қисмати хулоса дар даҳ банд овардааст, ки натиҷагирӣ аз бобу фаслҳои диссертатсия мебошанд.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба назар расиданд:

1. Дар автореферат баъзе ҷумлаҳо таҳрирталабанд.
2. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоӣ (саҳ. 7, 9, 13) ва техникӣ (12, 13, 16, 18) роҳ ёфтаанд.

Камбудиҳои зикршуда ҷузъӣ буда, арзиши илмии кори таҳқиқии довталабро кам намекунанд, балки ислоҳи онҳо ба ин кор ҳусни бештар зам хоҳад намуд.

Автореферати диссертатсияи Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию грамматикии «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ» ба талаботи таҳияи авторефератҳо ва меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқарриз:**

номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калони кафедраи
забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон — Амлоев Аминҷон Ятимович

Нишонии муассиса:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи
Ҳисорӣ, бинои 28/1, хонаи 21
Тел.: (+992) 917-58-77-78
E-mail: amloev@mail. ru
“15” апрели соли 2024

Имзои Амлоев Аминҷон
Ятимовичро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон — Раҳимов Абдуҳамит Абдибосирович

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи
М. Турсунзода, 30
Тел.: (+992) 37 221-35-50
E-mail: p.rektora@mail.ru

“16” апрели соли 2024